Суратҷаласаи №14(5)

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-47 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

14 марти соли 2024 ш.Душанбе.

Иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-47 –и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022, таҳти №125 тасдиқ шудааст, иштирок карданд 11 нафар, аз инҳо 5 нафар докторҳои илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Якдилона қабул мегардад.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ташхиси пешакӣ қабул намудани унвонҷуи диссертатсияи кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилот дар таълими забонҳои хориҷӣ дар равияҳои гуманитарии мактабҳои олӣ (дар мисоли забони англисӣ)”.

Раис: Хоҳишмандам, барои тасдиқи рӯзнома овоз диҳед.- Бо як овоз қабул карда шуд.

Раис: Орифов Орзу Обидхуҷаевич рисолаи номзадии худро дар мавзӯи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилот дар таълими забонҳои хориҷӣ дар равияҳои гуманитарии мактабҳои олӣ (дар мисоли забони англисӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) барои баррасӣ пешниҳод намудааст. Кори тадқиқотӣ бори нахуст ба ҳимоя пешниҳод мешавад.

Раис: Сухан ба роҳбари илмии рисолаи номзадии Орифов Орзу Обидхуҷаевич доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ дода мешавад.

Алимӣ Ҷ.: Рисолаи номзадии Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба иҷро расонида шудааст. Рисолаи таҳқиқоти “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилот дар таълими забонҳои хориҷӣ дар равияҳои гуманитарии мактабҳои олӣ (дар мисоли забони англисӣ)” номгузорӣ шудааст. Таҳқиқот аз соли 2019 то 2023 дар се марҳила гузаронида шудааст ва дар тӯли 5 сол корро идома дода дар натиҷаи кор 2 дастур ва 7 мақолаҳои илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ ва 6 мақола дар дигар маҷаллаҳо ва маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ нашр намудааст. Қисмати назариявии кор пурра тибқи талаботи КОА ҶТ таҳия шуд ва қисмати амалии корро дар як қатор муассисаҳои таълимӣ ва методии вилояти Хатлон ба иҷро расонидааст. Кор арзишманд аст ва бояд дастгирӣ карда шавад.

Баромад намуданд: муовини раиси Шурои диссертатсионӣ д.и.п., профессор Юлдошев У.Р., аъзоёни Шурои диссертатсионӣ Ҷамшедов П.Ҷ., Ашурова Д., Байдуллоев А.И., Рамазонова Р.С.

Раис: Мо бояд комиссияи экспертиро таъин намоем.
Пешниҳод гардид, ки ба ҳайси комиссияи экспертӣ таъин карда шаванд:

- **Ҷамшедов П.Ҷ.** доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шуро, раиси комиссияи экспертӣ;
- **Ашурова Д.** доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои Шуро, аъзои комиссияи экспертӣ.
- **Байдуллоев А.** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои Шуро, аъзои комиссияи экспертӣ;

Раис: Хоҳишмандам, барои таъин гардидани комиссияи экспертӣ овоз диҳед. - Бо як овоз қабул карда шуд.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

Диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилот дар таълими забонҳои хориҷӣ дар равияҳои гуманитарии мактабҳои олӣ (дар мисоли забони англисӣ)" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ):

1. Ба ташхиси пешакӣ қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин муайян карда шавад:

- доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷамшедов Парвонахон Ҷамшедович, аъзои Шурои диссертатсионӣ;
- доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, Ашурова Дилором, аъзои Шурои диссертатсионӣ;
- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Байдуллоев Аъзамҷон Ибодуллоевич, аъзои Шурои диссертатсионӣ.

3. Ба комиссияи экспертӣ супориш дода шавад, ки дар бораи имконияти ба ҳимоя қабул кардани диссертатсияи ббаррасишаванда тибқи моддаи 60-и Тартиботи додани унвонҳои илмӣ хулоса тайёр намоянд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ:
Тарафдор – 11 нафар
Муқобил ? – нест
Бетараф?-нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сайфуллаев Х.Г.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Обидова М.И.
Имзои д.и.п.,профессор Х.Г. Сайфуллаев ва н.и.п., дотсент М.И.Обидоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.